# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29.11.2023, № 01**

Барои сазовор донистани **Қодирзода Неъматулло Ҳабиб**, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзуи "Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба ҳимоя 13-уми сентябри соли 2023 қабул карда шуд, суратмаҷлиси №16 шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси Фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Қодирзода Неъматулло Ҳабиб** 4 марти соли 1996 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ соли 2019 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси танзими давлатии иқтисоди миллӣ бо касби иқтисодӣ хатмнамудааст.

Соли 2017 фаъолияти меҳнатиашро дар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси лаборанти калони шуъбаи ташкилӣ оғоз намуда, то соли 2018 дар ин муассисаи илмӣ кор кардааст. Аз моҳи июни соли 2018 то декабри соли 2020 дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассис, мутахассиси пешбари раёсати корҳо ва ҳуқуқ фаъолият намуда, аз 1 декабри соли 2020 то 1 августи соли 2023 дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ ба ҳайси ёрдамчии ректор ва аз 1 август то ҳол ҳамчун сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ва ҳамзамон ассистенти кафедраи менеҷменти истеҳсолӣ фаъолият намуда истодааст.

Соли 2020 ба сифати унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти илмию таҳқиқотии худро оғоз намуда, айни ҳол унвонҷӯйи соли чоруми

донишгоҳи мазкур мебошад. (Фармоиши ректори ДМТ аз 15 январи соли 2020, №10-05 оид ба қабул ба сафи унвонҷӯён).

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Давлатзода Қудрат Қамбар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Мирсаидов Аброр Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

2. **Тошматов Маҳмуд Неъматович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввал, муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид таълим ва сифати таҳсилот.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Мирзоева Е. Ш. – н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон имзо шудааст, қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ Қодирзода Н. Ҳ. 8 адад интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 8 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи "Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмӣ - тадқиқотии мустақил ва баанҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Қодирзода Неъматулло Ҳабиб сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти

интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М]. Қодиров Н.Ҳ. Нақши саноатикунонӣ дар рушди иқтидорҳои содиротӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Давлатзода Қ. Қ., Ниёзӣ С. // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, инноватсия, инвеститсия. –Душанбе, 2020.- № 4 (52). -С.58-65.

[2-М]. Қодиров Н. Ҳ. Тамоюлҳои асосии рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Раҳимов Ф., Убайдзода Қ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. -№2. - С.186-196.

[3-М]. Қодиров Н.Ҳ. Инноватсия ҳамчун омили асосии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ. /Тошматов С. // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, инноватсия, инвеститсия. –Душанбе, 2021. -№ 3 (55), -С.100-104

[4-М]. Қодиров Н. Ҳ. Ҷанбаъҳои институтсионалии рушди унсурҳои инфрасохтори инноватсионии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Паёми политехникӣ. Бахши интеллект, инноватсия, инвеститсия. –-Душанбе, 2022.- № 2 (58). -С.50-54.

[5-М]. Кодирзода Н. Х. Инвестиционное обеспечение развития инновационной инфраструктуры в промышленности. // Финансово-экономический вестник. –Душанбе,2022. - №3 (32). –С.251-257.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Шарифзода М. М. – д.и.и., профессор, ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:**

1. Дар автореферат унвонҷӯ диққати зиёд ба ҷанбаҳои назариявӣ таъмини инфрасохтории рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои

саноатӣ зоҳир кардааст, хуб мешуд, агар ҷанбаҳои методологии масъала низ баррасӣ мегашт;

2. Дар автореферат истифодаи равиши кластерӣ дар тавсеаи таҷрибаи таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ пурра асоснок карда шуда, аммо нисбати пешниҳодҳо барои дастгирии давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ба таври кофи дарҷ нагаштаанд.

**2. Самандарзода И. Ҳ.- д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:**

1. Дар саҳифаи 12-уми автореферат муаллиф таҷрибаи хориҷии як қатор кишварҳо ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Аврупоро оиди ташкили фондҳои махсус, танзими шароит барои ҷалби сармоя, маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ ва бунёди унсурҳои инфрасохтори онро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Аммо хубтар мешуд, агар муаллиф бо рақаму далелҳои воқеӣ нишон медод, ки кадоме аз таҷрибаи ин кишварҳои абарқудрат ва кадом дастовардҳои онро дар таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии ҷумҳурии мо амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

**3. Раҳматзода Ҳ. Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:**

1. Дар автореферат арзёбии таъсири равиши кластерӣ дар таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва баррасии иқтидори таъсиси кластерҳои инноватсионӣ ба тариқи пурра дарҷ нашудааст.

2. Инчунин дар автореферат пешниҳодҳо ҷиҳати такмили механизми дастгирии давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар дар шароити иқтисодиёти рақамӣ пурра асоснок нагардидааст.

**4. Раҷабова Н. Р. - н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:**

1. Унвонҷӯ қайд намудааст, ки солҳои охир корхонаҳои навбунёд бо таҷҳизотҳои замонавии насли нав муҳаҷҷаз гардидаанд (с.13), аммо дар автореферат оиди самаранокии онҳо ё самаранокии маҳсулоти тавассути онҳо истеҳсолшуда таҳлили муайяне сурат нагирифтааст.

2. Аз назари мо, беҳтар мебуд, агар дар кори диссертатсионӣ унвонҷӯ таҳлили қиёсии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро аз рӯи ягон нишондиҳанда амалӣ мекард.

**5. Хайрзода Ш. – д.и.и., ректори Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эродҳо пешниҳод намудааст:**

1. Хуб мешуд, ки дар кор вобаста ба омилҳои ба тавсеаи низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат таъсиррасон зарфиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шуда, тавсияҳои илмии мушаххас пешниход карда мешуд.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки дар оянда барои ислоҳи онҳо муаллифи кор диққати ҷиддӣ диҳад.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

-дар заминаи таҳқиқ ва ҷамъбасти консепсия ва ғояҳои ташаккул ва инкишофи назарияи инфрасохтори инноватсионӣ равиши нави арзёбии таъсири он ба рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ **коркард шудааст**, ки на танҳо фарогири унсурҳои моддӣ, балки унсурҳои ғайримоддии (маҷозии) инфрасохтор мебошад;

**-пешниҳод шудааст,** ки ҷиҳати такмили асосҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бояд механизмҳои дастгирии давлатии он такмил дода шуда, равиши кластерӣ ва механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ васеъ истифода карда шавад;

**-исбот шудааст**, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми самараноки ҳамгироии илму истеҳсолот ва унсурҳои алоҳидаи инфрасохтори инноватсионӣ номукаммал буда, ҷиҳати тақвияти он бояд чораҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии самаранок таҳия ва татбиқ карда шаванд;

**-ҷорӣ намудани** усулҳои нави арзёбии фаъолияти унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст, ки бо мақсади тавсеаи фаъолияти паркҳои технологӣ ва бизнес-инкубаторҳо сарчашмаҳои молиявии дастгирии онҳо муайян карда шуда, технологияҳои рақамӣ васеъ ва самаранок истифода карда шаванд.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** бо он асоснок карда мешавад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тасаввуроти мавҷуда оид ба инфрасохтори инноватсионӣ бо ворид намудани унсурҳои ғайримоддӣ (фазои маҷозӣ ва технология абрӣ) такмил дода шуда, ҳамчунин оид ба истифодаи васеи тахнологияҳои рақамӣ, платформаҳои муосири инноватсионӣ, равиши кластерӣ ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ақидаҳои илман асоснок пешниҳод карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагуории дар диссертатсия ҷойдошта** усулҳои таҳқиқоти илмӣ, аз он ҷумла усули монографӣ, таҳлили оморӣ, усули математикӣ - иқтисодӣ ва усули таҷрибавию озмоишӣ самаранок истифода бурда шудаанд.

**-баён шудани** ҷузъҳои инфрасохтори инноватсионӣ гурӯҳбандӣ карда шуда, дар ин замина роҳҳои асосии такмили фаъолияти унсурҳои асосии он асоснок карда шуда, самтҳои асосии тавсеаи низоми таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси такмили заминаҳои институтсионалӣ, истифодаи равиши кластерӣ ва механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

**-ошкор гардидани** омилҳои ба фаъолияти самараноки унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ таъсиррасон ва коркарди тавсияҳо оид ба баландбардории самаранокии таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт ва татбиқи модели индустриалию инноватсионии рушд;

-баҳамалоқамандии таъминоти инфрасохтори ва рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ **омӯхта шуда,** дар ин замина таъсири он ба рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва рушди устувори фаъолияти молиявию хоҷгидорӣ исбот карда шудааст;

-равишҳои мавҷудаи таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ **такмил дода шуда**, дар ин замина пешниҳод шудааст, ки бо мақсади тавсеаи инфрасохтори инноватсионӣ иқтидори минтақаҳои озоди иқтисодӣ, кластеризатсияи саноат ва истифодаи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ самаранок истифода карда шавад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки** онҳо дар фаъолияти мақомотҳои давлатӣ, ширкату корхонаҳои ватанӣ ва раванди таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода карда шудаанд.

-самтҳои асосии такмили низоми таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ **муайян карда шуданд**, ки фарогири чорабиниҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодӣ мебошанд;

-модели нави такмили механизми ҳавасмандгардонии давлатии инфрасохтори инноватсионӣ **таҳия шудааст**, ки фарогири стратегияи рушди инноватсионӣ, танзими шароит барои рушди низоми инноватсионии миллӣ ва тавсеаи таҷрибаи истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ташкили унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ мебошад;

тарҳи тавсиявии таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ дар асоси равиши кластерӣ **муаррифӣ карда шудааст**, ки имконият медиҳад самтҳои старатегии таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатиро дар минтақаҳои кишвар амалӣ сохта, тавассути он шабакаи васеи унсурҳои фаъолияти инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ таъсис дода шавад;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**
**назарияи** таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ба натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҳамоҳанг буда, дар ин ҷо истифодаи коркардҳо ҷиҳати такмили механизми дастгирии давлатӣ, истифодаи равиши кластерӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти амалӣ доранд;
**-ғоя** ба хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада, махсусияти таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва таҳлили афзалиятҳои стратегии истифодаи равишҳои муосири тавсеаи фаъолияти унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ асос ёфтааст;
**-истифодаи** маҷмӯи маълумотҳои интихоб ва пешниҳодшуда имконият доданд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда равишҳои консептуалӣ, институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ коркарда ва барои истифодаи амалӣ мутобиқ карда шаванд;
**-муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии таҳқиқот бо сарчашмаҳои мустақили назариявӣ ва амалӣ мутобиқат карда, ишора ба адабиёти истифодашуда бо риояи талаботи ҷойдошта амалӣ карда шудааст. Кори диссертатсионӣ тавассути низоми "Антиплагиат" аз санҷиши асолат гузаштааст, ки 93,67% ташкил медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он ифода меёбад:** 1) иштироки шахсӣ дар асосноккунии мубрамияти таҳқиқот, ғояи илмӣ, фарзияи таҳқиқот, объект ва предмети он; 2) иштироки бевосита дар ҷамъоварии маълумотҳои ибтидоӣ ва коркарди онҳо бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ; 3) иштирок дар татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълими фанҳои инфрасохтори иқтисоди миллӣ, иқтисодиёти соҳаҳо, идоракунии навовариҳо; 4) шарҳи натиҷаҳои бадастомада ва омодакунии маводҳо барои чоп дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва муаррифии онҳо дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки кори диссертатсионии Қодирзода Неъматуло Ҳабиб дар мавзуи "Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" кори анҷомшудаи илмию-тахассусӣ буда, дорои мубрамият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар тавсеаи асосҳои

назариявӣ ва методии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ саҳм гузошта, имконият медиҳад, ки масъалаҳои мубрами таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ҳал карда шаванд. Кори диссертатсионӣ ба бандҳои 1, 2, 6, 12, 18, 27, 30 Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 -Иқтисодиёти саноат ва энергетика мувофиқат мекунад:

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 29 ноябри соли 2023 қарори сазовор донистани **Қодирзода Неъматулло Ҳабиб** бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси**
**Шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Низамова Т.Д.**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Ашурзода А.Н.**

**29 ноябри соли 2023**

# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 29 ноябри соли 2023 №01 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи “Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика) тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ Давлатзода Қудрат Қамбар, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ - Мирсаидов Аброр Бобоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Тошматов Маҳмуд Неъматович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввал, муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид таълим ва сифати таҳсилот ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Исайнов И.Р., д.и.и., профессор Низамова Т.Д, н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н. Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб.

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қодирзода Неъматулло Ҳабиб дар мавзуи “Таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01– иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.
3. Ба Қодирзода Неъматулло Ҳабиб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро

ҷонибдорӣ намояд ва Қодирзода Неъматулло Ҳабиб бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонада шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Тарафдор – 10 нафар. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.